**ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 78
тел./факс:(+ 992 37) 221-62-08; 221-46-23; www.medt.tj, info@medt.tj

№ 10/3-384 аз 18.06.25

Вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар робита ба банди 4 Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №1282 тасдиқ шудааст ва фармоиши вазорат аз 7 феврали соли 2025, №10 «Дар бораи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2025» гузаронидани ҷаласаи гурӯҳи кориро ба нақша гирифтааст. Дар ҷаласа ҳолати иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд:

- «Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2027», ки аз 29 сентябри соли 2017, №456 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ);
- «Барномаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023-2027», ки аз 1 марти соли 2023, №51 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати энергетика ва захираҳои об);
- «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027», ки аз 31 октябри соли 2022, №533 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати маориф ва илм);
- «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», ки аз 1 марти соли 2023, №50 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ);
- «Барномаи рушди геодезия ва харитасозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», ки аз 26 октябри соли 2021, №462 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ).

Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки иштироки намояндаи худ (аъзои гурӯҳи корӣ)-ро дар ҷаласаи мазкур рӯзи 25 июни соли 2025, соати 14:00 дар бинои Вазорати рушди иқтисод ва савдо (маҷлисгоҳи ошёнаи 5) таъмин намоед.

Муовини вазир Нуриддинзода А. Н.